**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Воҳидова Нодира Абдусатторовна дар мавзуи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ). – Хуҷанд, 2022. – 59 саҳ.**

Бо сайъ ва эҳтимоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ибтидои солҳои 20-уми асри XXI дар рушди забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ва такмили таълими онҳо марҳалаи нав оғоз ёфт. Мақсад ва вазифаҳо аз он иборатанд, ки таълими забонҳо дар Тоҷикистон ба сатҳи комёбиҳои илми забоншиносӣ ва таълими ҷаҳонӣ бардошта шавад. Санади меъёрию ҳуқуқӣ дар ин бобат “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, № 438) ва “Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, № 647) мебошад, ки дар иҷрои он олимон, докторантон, аспирантон ва унвонҷӯён саҳми муносиб гузошта истодаанд.

Мавзую мухтавои рисолаи унвонҷӯ Воҳидова Н.А. «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» аз талаботи барномаҳои мазкур бармеояд, ки ба ду самт: 1) илмӣ – таҳқиқи масоили фразеография; 2) таълимӣ – такмили таълими забонҳои тоҷикӣ ва хориҷӣ нигаронида шудааст.

Рисола аз се боби бо ҳам марбут иборат буда, дар боби аввал сухан аз масъалаҳои пайдоиш ва таҳаввули фразеографияи забонҳои мазкур меравад, боби дуюм ба нишон додани нақши фарҳангҳои фразеологӣ дар омӯзиши назарияи фразеология бахшида шудааст, дар боби сеюм роҳу усулҳои шарҳи моддаҳои фразеологӣ дар фарҳангҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор ёфтаанд. Низоми муқоисаи типологӣ

имкон додааст, ки хусусиятҳои умумӣ ва тафовутҳои фарҳангҳои забонҳои номбурда нишон дода шаванд. Умумияти фарҳангҳо аз он иборат аст, ки фразеографияи забонҳо ба низоми ягона асос ёфтааст: масъалаҳои шинохт ва ҷойгиркунии моддаҳои луғавӣ дар фарҳанг, системаи ташреҳот, овардани мисолҳои шоҳид ва ишораҳо (аломатҳо) ба ҳар се забон мансубанд.

Яке аз масъалаҳои асосӣ усулҳои шарҳи моддаҳои луғавӣ мебошад, ки аз навъҳои шарҳи озод, омехта, мухтасар, муфассал, шарҳҳо бо зикри муродиф (эвивалент), бо синонимҳо бо антонимҳо, шарҳҳои серманъной ва этимологӣ иборатанд.

Дар рисола шарҳи моддаҳои луғавӣ дар забонҳои қиёсшаванда аз ҷиҳати мазмун, таркиб ва теъдод аз рӯйи формулаи муайян дар ҳафт ҷанбаъ (“параметр”) нишон дода шудааст.

Муайян кардани тафовути фарҳангҳо оид ба масъалаҳои зикршуда бештар аҳамият дорад. Пеш аз ҳама, бояд дар назар дошт, ки он нишондиҳандаи роҳи мустақили таҳаввули фразеографияи забонҳо маҳсуб ёфта, барои ҳамаи забонҳои миллӣ ҳамчун таҷрибаи дар амал санҷидашуда хидмат менамояд. Тафовути фарҳангҳои фразеологии забонҳои қиёсшаванда вобаста ба мавзуъ ва муҳтавои бобҳои рисола, ки дар боло зикраш рафт, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисоларо возеҳтар аз ҳама тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот марбут ба хулосаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар ҳашт банд баён ёфтаанд.

Моҳияти асосии масъала аз он иборат аст, ки фарҳангҳои фразеологӣ аз ҷиҳати принсипҳои тадвин дар заминаи дастовардҳои беҳтарин бо ҳам наздик карда шаванд, то ки истифодаи онҳо ба доираи васеи истифодабарандагон осон ва муносиб гардад. Ин андешаи диссертант шоистаи дастгирист, дар назар бояд дошт, ки фарҳанг дар забономӯзӣ аз лиҳози муҳиммият дар мақоми китоби рӯйимизӣ қарор дорад ва он бояд ба тарзе таҳия гардад, ки хонандагони синну солашон

гуногун аз он истифода карда тавонанд. Аз мазмуни интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия низ бармеояд, ки ӯ тавассути мақолаҳои илмии худ дар бораи зарурат ва роҳу усулҳои истифодаи маводи назариявию амалии рисола таъкидан масъалагузорӣ кардааст. Аз он ҷумла, аз 13 мақолаи доир ба мавзуи диссертатсия дар 4 мақола масъалаҳои рушди таҳқиқи фразеографияи қиёсшаванда дар алоқамандӣ бо такмили таълими ҳамгиро [2-М; 7-М; 8-М; 13-М] ва дар 3 мақола омили муҳимми таълим будани фарҳангҳои фразеологӣ [9-М; 11-М; 12-М] гузориш ёфтааст.

Муҳтавои диссертатсия тавассути конференсияҳои илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва донишгоҳӣ ба мутахассисон ва умуман доираи васеи хонандагон манзур карда шудаанд.

Ба сифати дархост гуфтаниям, ки то ҳол барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ фарҳанги фразеологии таълимӣ тахия нашудааст, инак, бо таълифи рисолаи тақризшаванда ин имконият фароҳам омад. Пешниҳод мекунам, ки бо назардошти сатҳи дониш ва малакаи донишҷӯён ва мактаббачагон фарҳангҳои фразеологии таълимӣ танзим карда шавад.

Чизи дигареро, ки ба унвони тавсия гуфтан мехоҳем ин аст, ки фасли 1.1. «Фразеография дар масири фарҳангнигории тоҷикӣ» ном дошта, нахустин фарҳангнома, ки дар таърих то ба айёми мо расонидааст, «Луғати фурс»-и Абумансур Алӣ ибни Аҳмади Асадии Тӯсӣ дониста мешавад (Автореферат, саҳ. 11), аммо назди донишмандони муҳтарам маълум аст, ки дар даврони Сосониён “Фарҳанги оим-евак” (шарҳи калимоти авастоӣ ба забони форсии миёна-паҳлавӣ) ба вуҷуд омада буд ва месазад, ки таърихи лексикографии миллатамонро аз он давраҳо донем.

Дар охир метавон хулоса кард, ки ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки мақсад ва вазифаҳои дар назди рисола истодаро ба пуррагӣ амалӣ намояд. Мавзую мундариҷаи диссертатсия бо ихтисоси 10.02.00 –

Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) мутобиқ буда, рисола ва муаллифи он Воҳидова Н.А. сазовори дараҷаи номзади илмҳои филологӣ мебошанд.

Доктори илмҳои филология, профессор,
узви вобастаи Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи забон
ва истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод, 25
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: saxidodi@list.ru
Тел.: +992 (37) 227 59 38; +992 (37) 227 78 29; дастӣ: (992) 919 00 21 78

25-уми августи соли 2022

«Имзои профессор С.Р. Раҳматуллозодаро тасдиқ мекунам»
Мудири бахши умумӣ ва кор бо кадрҳои
Кумитаи забон ва истилоҳоти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Абдуллоев

25-уми августи соли 2022